*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 77 (4660) | ЧОРШАНБЕ, 14 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МУКОЛАМАИ ДОИМӢ ВА МАРҲИЛАИ СИФАТАН НАВИ ҲАМКОРӢ



**13 - уми июни соли 2023 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Саид Сарварро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Ҷонибҳо вазъ ва дурнамои равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Покистон, ҳамчунин тақвияти кори гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии Душанбе - Исломободро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки тавассути муколамаи доимии сатҳи баланд робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Покистон дар ҳама самтҳо мазмуну мундариҷаи нав касб намуда, дар оянда доираи васеи масоили мавриди таваҷҷуҳ ва барои ҷонибҳо манфиатоварро фаро хоҳанд гирифт.

Маҳмадалӣ Ватанзода ба Муҳаммад Саид Сарвар дар фаъолияти дипломатиаш дар Тоҷикистон комёбӣ орзу намуд.

Дар мулоқот узви Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ, вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Наҷмиддиниён низ иштирок намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



## ИТТИЛОИЯ

### ДАР БОРАИ ИҶЛОСИЯИ ЧОРДАҲУМИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ШАШУМ

Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 16 июни соли 2023, соати $10^{00}$ дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2023 аз соати $09^{00}$ то соати $17^{00}$ ва 16 июни соли 2023 аз соати $08^{00}$ то $09^{00}$ дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 221-12-47.**

## ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ БАРОИ ТАВСЕАИ РАВОБИТ МУҲИМ АСТ



**13 - уми июни соли ҷорӣ раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Донг Сок мулоқот намуд.**

Дар мулоқот ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея дар ҳама самтҳо, аз ҷумла муносиботи байнипарлумонӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва дигар мавзӯоти мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо, баррасӣ шуданд.

Саидмурод Фаттоҳзода таъкид намуд, ки миёни ҳар ду кишвар барои таъмиқи минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ, заминаи мусоид фароҳам гардида, сатҳи баланди мушорикат, эътимоди тарафайн ва эҳтиром ба даст омадааст. Аз он қаноатмандӣ гардид, ки барои тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд заминаи ҳуқуқӣ низ фароҳам аст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Зикри хайр

## МАСЪУЛИЯТШИНОС, НЕКСИРИШТ ВА БА ХАЛҚУ ВАТАН СОДИҚ



**Ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта барои ривоҷ додани соҳаи пахтакорӣ сокинони бисёр деҳаҳои кӯҳистонро ба водиҳо муҳоҷир намуданд. Оилаи Ҳасан Шарифов низ бо ҳамдеҳагон аз ноҳияи Данғара ба ноҳияи Фархор маскун гашта, минбаъд дар ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ, махсусан пахтакорӣ, дар колхози «Коммунизм»-и ноҳия саҳм гузоштанд.**

Фарзанди ин хонадон - Ҳомиддин Шарифов соли 1962 синфи 8-ро хатм намуда, ҳуҷҷатҳояшро ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб супорид. Ҳомиддин, ки ҷавони меҳнатӣ ва закӣ буд, бо баҳои хубу аъло омӯзишгоҳро хатм намуд. Меҳри хондан ӯро ором намегузошт. Соли 1966 баъд аз хатми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷатҳояшро ба факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супорид. Имтиҳони дохилшавиро бомуваффақият супорида, донишҷӯ гашт.

Фаъолияти меҳнатиашро 16-уми сентябри соли 1971 аз вазифаи муфаттиши шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ёвон оғоз намуд. Роҳбарияти шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ёвон натиҷаҳои кори корманди ҷавон Ҳомиддин Шарифовро қадр намуда, ӯро ба гирифтани рутбаи навбатӣ «лейтенанти калон» ва ба вазифаи сармуфаттиш сазовор донист.

Маҳз дар ҳамин давраи фаъолият қобилият ва тавоноии Ҳомиддини ҷавон аз назари роҳбарияти вазорат пинҳон намонд, кӯшишу ғайрат ва талошҳояшро ба назар гирифта, ӯро ба курсҳои бозомӯзӣ равон намуданд. Аз 28-уми январ то 13-уми феврали соли 1974 дар шаҳри Волгоград, дар факултаи такмили ихтисоси ВКД вобаста ба таҳқиқи дуздии моликияти давлатию ҷамъиятӣ дониши худро сайқал дод.

Қаҳрамони матлаб аз 23-юми майи соли 1975 то 15-уми апрели соли 1976 ба ҳайси сармуфаттиш фаъолият намуда, баъдан раиси Суди халқии ноҳияи Ёвон таъин гардид.

Ӯ дар вазифаи раиси Суди ноҳияи Ёвон то соли 1986 фаъолият намуда, худи ҳамон сол раиси Суди вилояти Кӯлоб таъин шуд. Дар вазифаи раиси Суди вилояти Кӯлоб то соли 1988 фаъолият намуда, баъд аз таъсиси вилояти Хатлон муовини раиси Суди вилояти Хатлон интихоб гардид.

Соли 1990 Ҳомиддин Шарифов раиси Суди вилояти Кӯлоб таъин гардида, то соли 1993 дар ин вазифаи бомасъулият фаъолият намуд. Дар он шабу рӯзҳои пуртаҳлука дар вазифаҳои пурмасъул фаъолият кардан осон ва бехатар набуд. Ҳам гурӯҳи навоҳии Кӯлоб ва ҳам минтақаи Вахшонзамин аз мавзеъҳои доғу даргир ва пурхатар ба ҳисоб мерафт.

Азбаски номбурда хоҳони сулҳу салоҳ ва пойдории низоми қонунии кишвар буд, аз нахустин рӯзҳои ба сари қудрат омадани фарзанди фарзона ва фидоии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати сулҳҷӯёнаю бунёдкоронаи ӯро дастгирӣ намуд.

Таҷрибаи ғанӣ, касбияти баланд ва масъулиятшиносиашро ба назар гирифта, соли 1995 ӯро раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд. Минбаъд имконият пайдо шуд, ки барои таҳкими сулҳу салоҳ, бунёди ҷомеаи навини дунявию демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон саҳми бештар гузорад. Дар ин вазифаи барояш нав тақрибан як сол фаъолият дошт. Моҳи январи соли 1996 ба ӯ масъулияти Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бовар намуданд. Дар ин вазифаи ниҳоят пурмасъулият мавсуф аз имтиҳони нави ҷиддӣ гузашта, малака ва таҷрибаи роҳбариашро ғанӣ гардонид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Проблема ва мулоҳиза

**Пардохти саривақтии ҳаққи истифодаи неруи барқ вазифаи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб баъзе аз корхонаю ташкилот, инчунин сокинон ба ин масъала бетафовутӣ зоҳир мекунанд.**

## МИНТАҚАИ КӮЛОБ: ЧАРО ҚАРЗИ БАРҚ РӮ БА АФЗОИШ АСТ?

Роҳбари тиҷоратии филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар минтақаи Кӯлоб Баҳром Ҳикматзода изҳор дошт, ки қарзи истифодаи неруи барқ ба 391 миллиону 546 ҳазор сомонӣ расида, аз ин 232 миллиону 415 ҳазор сомонӣ қарзи аҳолӣ мебошад.

То 1 - уми апрели соли ҷорӣ ноҳияи Восеъ 65 миллиону 115 ҳазор сомонӣ, Фархор -27 миллиону 668 ҳазор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ -25 миллиону 938 ҳазор, Темурмалик -14 миллиону 870 ҳазор, Муъминобод - 23 миллиону 836 ҳазор, Ховалинг -19 миллиону 773 ҳазор, Шамсиддини Шоҳин - 6 миллиону 757 ҳазор, Балҷувон -1 миллиону 889 ҳазор, шаҳри Кӯлоб -173 миллиону 192 ҳазор, Данғара -32 миллиону 505 ҳазор сомонӣ қарздоранд.

- Моҳи марти соли равон, тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 6 миллиону 607 ҳазору 113 сомонӣ ва аз ҳисоби Идораи беҳдошти замин ва обёрии минтақаи мазкур 14 миллиону 619 ҳазору 13 сомонӣ ҳисоббаробарӣ шуд. Қарзи мазкур аз солҳои пешин боқӣ монда, ба барқи истифодакардаи пойгоҳҳои обкашӣ рабт доранд, - гуфт номбурда.

Зикр шуд, ки дар ин давра нозирон дар минтақаи Кӯлоб нисбат ба 2143 истифодабарандаи барқ санадҳои маъмурӣ тартиб доданд, ки маблағи ҷарима 2 миллиону 386 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Пардохти ҷаримаҳо ба 200 ҳазору 672 сомонӣ расид. Ба иттилои масъулон, айни замон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 185 ҳазору 496 муштарии фаъол мебошанд.

Роҳбари тиҷоратии Шабакаҳои тақсимоти барқи шаҳри Кӯлоб Фарҳод Мирзоев зимни суҳбат гуфт, ки дар чор моҳи соли 2023 қарзи истифодаи неруи барқ 4 миллиону 833 ҳазор сомонӣ зиёд гардид, ки аз маблағи зикршуда 2 миллиону 148 ҳазор сомонӣ ба аҳолӣ марбут мебошад.

Ҳамсуҳбатам афзуд, ки бештари қарз ба Идораи обу корези шаҳри Кӯлоб ва Муассисаи равшанидиҳии шаҳр рост меояд. Дар як моҳ Идораи обу корези шаҳр ба маблағи 280 - 300 ҳазор сомонӣ неруи барқ истифода мекунад. Аммо аз 10 то 20 ҳазор сомонӣ маблағ месупораду халос. Муассисаи равшанидиҳии шаҳр дар чор моҳи соли 2023 ягон сомонӣ напардохтааст, - гуфт ӯ.

- Ҳисобкунакҳои электронӣ барои сарфа ва сари вақт ҷамъоварӣ кардани маблағи истифодаи қувваи барқ нақши бориз доранд. Бинобар ин, дар 7 ҳазор манзили маҳаллаҳои баландошёнаи шаҳри Кӯлоб чунин ҳисобкунакҳо насб гардидааст.

Тибқи маълумоти дастрасгардида, алҳол дар ҳудуди шаҳру деҳоти Кӯлоб зиёда аз 10 ҳазор появу симчӯбҳои фарсуда мавҷуд мебошанд.

Дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин низ аҳвол чунин аст. Қарзи истифодаи неруи барқ аз мушкилоти рӯз ба ҳисоб рафта, кормандони Шабакаҳои тақсимоти барқи ноҳияро ба ташвиш овардааст. Муҳосиби Шабакаҳои тақсимоти барқи ноҳия Қаландар Сангов дар суҳбати телефонӣ гуфт, ки дар чор моҳи соли 2023 қарз аз ҳисоби аҳолӣ 69 ҳазор сомонӣ зиёд гардид. Дар ин давра нисбат ба шаш сокини ноҳия оид ба дуздии неруи барқ ба маблағи беш аз 4 ҳазор сомонӣ санадҳои ҷаримавӣ тартиб доданд, ки аз маблағи зикршуда 1500 сомонӣ пардохт гардид. Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби аҳолӣ дар ноҳия 4 миллиону 898 ҳазор сомонӣ қарзи барқ вуҷуд дорад.

Афзоиши қарзи истифодаи неруи барқ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ мушкилест, ки кормандони Шабакаҳои тақсимоти барқи ноҳияро нигарон кардааст. Дар баробари ин, кормандони Шабакаҳои барқи ноҳия дар чор моҳи соли ҷорӣ корҳои назаррасро анҷом дода, ин нишондиҳандаро 1 миллиону 278 ҳазор сомонӣ кам намуданд. Мутаассифона, қарзи истифодаи неруи барқ аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳои буҷетӣ афзуда, ба 161 ҳазор сомонӣ расид.

Роҳбари тиҷоратии Шабакаҳои тақсимоти барқи ноҳия Фирдавс Рамазониён изҳор дошт, ки то якуми майи соли 2023 қарзи зикршуда ба 25 миллиону 999 ҳазор сомонӣ расид, ки 17 миллиону 26 ҳазор сомонии он ба аҳолӣ марбут аст.

- Моҳи марти соли ҷорӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати ҷумҳурӣ 2 миллиону 29 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби пойгоҳҳои обкашии Идораи беҳдошти замин ва 128 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ ҳисоббаробарӣ шуд, ки дастгирии навбатӣ ба ҳисоб меравад, - афзуд Ф. Рамазониён.

Дар ноҳия 22 ҳазору 129 муштарӣ фаъол буда, дар чор моҳи соли 2023 нисбат ба 104 истифодабаранда ба маблағи 354 ҳазору 527 сомонӣ санади ҷаримавӣ тартиб дода шуда, аз ин 230 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардид.

Чаро роҳбарони ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳру ноҳияҳо дар пардохти ҳаққи истифодаи неруи барқ саҳлангорӣ мекунанд? Дубора ба мавзӯъ бармегардем.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

Садои мардум

14 июни соли 2023 № 77 (4660)

# ҲАБИБУЛЛОИ КАЛАКОНӢ - ЭҲЁГАРИ АНЪАНАИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН ДАР ХУРОСОНИ ТАЪРИХӢ

**Пас аз он ки бар тахти шоҳӣ нишаст,**
**Шукӯҳи Хуросон биёмад ба даст.**
*Наҷиби Борвар*

**Тоҷикон ва форсизабонони Хуросон ҳамчун миллати фарҳангсолор, соҳибихтиёр ва тамаддунофар дар имтидоди таърих ҳамеша саҳми босазои худро дар рушди тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, зербинои ҷомеа, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҳунар гузоштаанд. Онҳо хайри ҷамъӣ ва салоҳдиди умумимардумиро ба назар гирифта, барои ҳифзи тамомияти арзӣ, густариши адолат, нангу номуси мардум ва барқарории давлати марказӣ мубориза бурдаанд. Мурури кӯтоҳе ба таърихи Афғонистони муосир нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷик нуфузи «файзбор ва шарафосор» дар ташаккули маданият ва зеҳнияти ҷомеаи кишвари ҳамсоя доштааст. Шаҳрҳои Ҳирот, Мазори Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Гандаҳор, Куҳандиж, Ҷавзгон, Ғур, Каписо, Парвон ва Ғазнӣ, водиҳои тамаддунофар, аз қабили Каён, Панҷшер, Сӯф, Шимолӣ, Соланг, Хинҷону Андароб, Ғур, Чордара, Толаву Барфак, Ҷувайдара, Роғистон, Асмор ва ғайра, ки ҳамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ қадр афрохтаанд ва дар он ҷо ҳувият ва фарҳанги миллӣ шакл гирифтааст, ба таври дастаҷамъӣ то ибтидои асри XX макони зисти тоҷикон будааст.**

Як назари иҷмолӣ ба ин шаҳрҳо ҳақиқатеро бармало месозад, ки дар Афғонистон кӣ аксарият аст ва кӣ ақаллият? «Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад», ки дар шаҳрҳо аксари мардум зиндагӣ мекунанд ва таҷаммуи муассисаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва муҳити созгори илмӣ-фарҳангӣ сокинони деҳотро дар ҳар кишвари дилхоҳ ба шаҳр ҷалб мекунад ва онҳо бо сарозер шудан ба ин марказҳо фарҳанги шаҳрнишиниро имтиҳон мекунанд. Элфингстон, сайёҳ ва низомии англис, вақте ки дар аввали асри XIX ба вилояти Нангарҳор, ки ҳоло хилофи адолати таърихӣ паштуннишин ҳисобида мешавад, меояд, эътироф мекунад, ки аз 11 ноҳияи ин вилоят дар 9-тои он тоҷикон сукунат доранд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажӯҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудааст, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги тоҷиконро эътироф ва пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум – ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги мардуми таҳҷоиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқе дар вилоятҳои Тахор ва Бадахшони Афғонистон сукунат доранд, ки худро «туркони порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

Тоҷикон давлатҳои мустақил ва империяи комилҳуқуқ дар ҳудуди Афғонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз ҷумлаи онҳост. То соли 90-уми асри гузашта чунин пиндошта мешуд, ки Кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка – шоҳи кӯшонӣ навишта шудааст ва шарҳи ҳоли ӯро дар бар мегирад, як инқилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шоҳ Канишка дар катибаи Работак, ки дар чанд километрии пойтахти вилояти Самангон – Айбек ва сарҳади вилояти Бағлон ёфта шудааст, аз шаҷараи авлодии худ сухан кушода, иқрор мешавад, ки аз ирқи ориёӣ мебошад.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт меомаданду мерафтанд, бо мурури замон зери таъсири фарҳанги шахсиятсозии ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз сӯи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро қабилаҳои ҷанубӣ аз шимолу шарқи Ҳинд дар асри XIV ба Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин раванди муҳоҷирати иҷборӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзӯъ берун аст, то ҳоло идома дорад.

Агар ба таърихи ин кишвар бингарем, аён мегардад, ки тасаллути пурраи забони тоҷикии дарӣ нишонаи доноиву ҳушёрӣ, бофарҳангиву пешравӣ дар пешбурди равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардид. Аз ин рӯ, нухбагон ва ашрофзодагони аҳли қабила аз ғановатмандии ин забони оламшумул, ки иқтидори сарбории маънавии ҳазорсоларо дошт ва аз Чин то сарҳади Аврупо тавсеа ёфта буд, дар муҳити хонавода ва долонҳои дарбор истифода мебурданд. Табиист, ки олудагиҳои зеҳнияти қабилавиро бо насими фарҳанги созанда ва дунявимадор аз вуҷудашон зудуда менамуданд. Ҳарчанд дар мақтаи замонӣ ҷангро худ баранда буданд (ҷанги дуюми афғону англис), ба худ саволҳое мармуз мегузоштанд, ба соҳибватанӣ будан ва рисолати раҳбарии худ шакку шубҳа мекарданд:

**Мекунам девонагӣ то бар сарам**
**ғавғо шавад,**
**Сикка бар зар мезанам, то соҳибаш**
**пайдо шавад.**

Агар ба қазияҳои на он қадар дури солҳои 2000-ум таваҷҷуҳ зоҳир намоем, ҳамин тарзи иштибоҳи таърихӣ бо каме тағйирот дар Кобул боз такрор гашт. Раиси ҷумҳури тамомъиёр ва комилҳуқуқи Афғонистонро «Ҷабҳаи муқовимат» соли 2001 напазируфт, бо муомилаи шубҳанок ҳукуматро ба нафаре ҳавола карданд, ки аслан дар байни мардум ва миёни саҳнаи сиёсии кишвар шинохте надошт. Натиҷаи ин муомилот бар зарари манофеи миллӣ буд.

Сайри такомули таърихӣ бар ковиши мақому мартабаи Ҳабибуллои Калаконӣ нишон медиҳад, ки ҳукумати қабиласолори амонӣ дар 16-уми январи соли 1929 (суқут 13 октябри 1929) аз дасти ӯ ва ёрони вафодораш ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Тилисми шикастнопазири истибдоди анқариб дусадсоларо ба боди фано рӯ ба рӯ кард.

Таърихнигории афғонӣ, ки бар усули паштунмеҳварӣ то солҳои 90-уми асри гузашта побарҷо буд, аз шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ як шахси «иртиҷоӣ» ва «қафомонда» чеҳрасозӣ кардаанд (хусусан китоби тафриқаандоз ва шовинистии «Сақавии дувум» Афғони Самсур). Чунончи, муаллифи китоби «Афғонистон дар масири таърих» М.Ғубор бо як хашми рӯшод ва орӣ аз ҳақиқати таърихӣ овардааст: «Ҳабибуллои Калаконӣ машҳур ба «Бачаи Сақав» аз шоҳони муртаҷеъ ва бесавод буд, ки тибқи тавтиаи англисҳо алайҳи шоҳи мутараққӣ ва ватандӯст, ғозӣ Амонуллохон даст ба шӯриш зад ва дар 20 ҷадии соли 1307 бо ҳамкории рӯҳониёни аҷир ва фурӯхташуда ба дурахшонтарин даврони таърихи мо поён дода, ба қудрат расид».

Ин «таърихшиносон», ки имтиёзхӯрони сулолаҳои дурронӣ будаанд, дар мавқеъгирии ғайриилмӣ ва дур аз ҳақиқати худ танҳо бар маҳкумияти бечунучарои Ҳабибуллои Калаконӣ ва пешдовариҳои козибона такя кардаанд, ки ба ақидаи коршиносони муосир хилофи тарзу усулҳои мунсифона ва одилонаи таърихнигорӣ мебошад. Ҳатто падари шеъри дарӣ Халилуллои Халилӣ дар маҷмӯъ асари хубе, ки тобиши достонӣ дорад бо номи «Айёре аз Хуросон» навиштааст, вале дар баъзе бахшҳо ишораҳои нораво ва пойбанди тасвири калишавии шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ (камбағали бараҳнапойи бесавод, кӯҳпаймои боғбони ангурфурӯш ва ғ.) будааст.

Ривояти дигаре дар зеҳни таърихшиносони ростин нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки аз мактаби олими тавоно Ҳақназар Назаров маншаъ мегирад. Ин тасвир бар пояи адолати таърихӣ ва бозгӯйи ҳақиқат аст. Бар асоси ин фарзия, Ҳабибуллои Калаконӣ сарвари шӯриши деҳқонӣ мебошад ва пӯшиши мазҳабӣ ба фаъолияти ӯ додан аз рӯйи методи муқоисавӣ, вазъи геополитикии он замон ва шароити конкретӣ – таърихӣ раво нест. Сараввал, ӯ пуштивона ва собиқаи динӣ надошт, мадрасаи динӣ хатм накарда буд, ба ҳеҷ ваҷҳ тафаккури динмеҳвар ва ба доираҳои рӯҳонияти расмӣ ва ғайрирасмӣ ворид набуд. Як низомии ҷасур, корманди миёнаомори давлатӣ ва давлатмадор буд, ки беадолатиҳои хонҳои бориксайӣ ӯро водор кард, ки силоҳ ба даст бигирад. Дар амалиёти ҷангӣ иштирок меварзид, баръакс дар дастгир кардани дузду роҳзанҳо иштироки фаъол дошт. Аз ҳама муҳим манфиати миллии худро дар қиболи ҳуҷумҳои қабиласолорӣ дарк мекард ва дар ин росто аз ҳунари басиҷ ва муттаҳид кардани мардум бархӯрдор буд. Муаррих Ҳ.Назаров бо такя ба рӯзномаву маводи ғании таърихии он вақт менигорад, ки вақте ки Ҳабибуллои Калаконӣ бо деҳқонҳои худ вориди Кобул гашт, мисли қабилаҳои вазириву масъудӣ, ки бо амри Нодирхон дар моҳи октябри соли 1929 амал мекарданд, ҷиноят содир накард. Қабилаҳои ҷанубӣ на танҳо хонаву дар ва ҳатто ҳарами худи Нодирхон, балки сафоратхонаҳои хориҷиро талаву тороҷ карданд, сафири Туркияи он вақт ба ивази ришва ҷон ба саломат бурд.

Дар китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» Ҳ.Назаров нусхаи яке аз фармонҳои амири Ҳабибуллои Калаконӣ дар бораи ривоҷи илму адаб ва забономӯзӣ омадааст, ки аз он далолат мекунад, ки ӯ ба рушди маориф бетараф набуд.

Дигар далели росих ва муътамади шахсияти одил, бофарҳанг ва давлатмадор будани подшоҳ Ҳабибуллои Калаконӣ муносибати ӯ ба масоили занон буд. Маводи мадракии таърихӣ далолат аз он мекунанд, ки дидгоҳи ӯ назари танги мафкураи ифротӣ нисбат ба зан набуд, ҳамсари ӯ Бибӣ Сарварии Сангарӣ, Малика Сангарӣ бинти Муҳаммад Ҳайдар, маликаи Афғонистон дар тамоми сангарҳои набард бо шавҳараш дасту панҷа нарм мекард ва аз ин лиҳоз, тахаллуси «Сангарӣ» гирифта буд.

Сониян, шоири даризабони умедбахш Наҷиби Борвар бар нуктаи дигар таъкид меварзад ва менигорад, ки «расму суннати он рӯзгор чунин буд, ки агар касе ба ростӣ ва дурустӣ сифоти айёрӣ надошт, ӯро айёр лақаб намемонданд. Мегӯянд вақте ки қудратро ба даст овард, хоҳарони Амонуллохон дар Арк ба дасти ӯ афтоданд. Дар ҳоле ки Амонуллохон аз ҷониби Қандаҳор дубора дар талоши сарнагунии Калаконӣ буд, ӯ хоҳарон ва хонаводаи Амоннуллоро вориди масоили сиёсӣ накард. Яке аз наздикони Амонуллоро талбид ва навомиси душманашро бо иззат ба онон таслим кард, аз ин рӯ буд, ки айёр лақаб гирифт.

Ба гуфте:

**Ба номуси душман нигоҳе накард,**
**Бо қомуси мардӣ гуноҳе накард.**

Аммо бубинед Нодирхон (бо лақаби ғаддор) бо Бибӣ Сангарӣ ҳамсари Ҳабибуллои Калаконӣ чӣ кард? Ӯро бо ду духтараш ва писараш Асадулло ба 20 сол зиндони Деҳмазанг маҳкум кард, писарашро дар зиндон заҳролуд намуд. Ба ин иктифо накарда, ӯро ба Балх табъид намуд. Муаллифи ин сатрҳо соли 2004 дар Мазори Шариф таҳқиқот дар ин маврид бурд ва маълум гашт, ки баъд аз табъид дар маҳаллаи арабнишини шаҳри Мазори Шариф паноҳ бурд ва бинобар меҳри мардумие, ки ҳамсараш ва худаш дошт, то охири умр дар ин ҷо паноҳгоҳи амн ёфт. Худ қазоват кунед, кӣ бо ҷаҳлу таассуб ҳукуматронӣ мекард ва кӣ бо мутакко бар ақли солим ва оянданигарӣ?

Ба ақидаи афғонистоншиноси шинохтаи тоҷик Қосимшо Искандаров қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ муқаддима ва пешшарт дошт, ки зулму ситами зиёд ва қатли оми мардуми шимол, хусусан тоҷику ҳазора, дар пай дошт ва ин як навъ вокуниши умумимиллӣ буд дар сатҳи Афғонистони вақт: «Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихин дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону ӯзбекҳоро, тасарруф менамуданд.

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) «Низомномаи ноқилин» қабул шуд, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол уҳдадор шуданд ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз ҷумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ «анклавҳо» ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона ин «анклавҳои» паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари пул, Ҷузҷон, Бағлон ва Қундуз ба пойгоҳҳои аслии Толибон ва террористон мубаддал шудаанд.

Ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз роҳбарони паштун, бахусус Муҳаммад Нодирхон паштунҳоро бо таблиғоти васеъ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоҳро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшоҳии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили Ҳукумати Ҳабибуллоҳ таҳрик намуданд.

Зимни таҳқиқоти як падидаи умумӣ ва маълум ки тахти фишор такрор ба такрор дар китобҳои таърихнигорони Афғонистон омадааст, бармало гашт – ин маълумоти шарҳиҳолии Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки дар асарҳои «Афғонистон дар масири таърих», «Афғонистон дар панҷи қарни ахир», «Афғонистон дар аҳди амония» (Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929)-и Сензил Навид» омадааст. Чунин тасаввур мешавад, ки ҳама ба умқи масъала ворид нагардида, як иборাву ҷумлаҳои монандро зери фишори таблиғоти густурда дар китобҳо коридаанд.

Омили дувум, ки аз пажӯҳиш маълум мегардад, ҳукуматдорони вақти Афғонистон дар лаҳзаҳои буҳронӣ истифода аз иқтидори ҷангии қабилаҳои ҷанубиро аз Ҳинди Британиявӣ маҳаки асосӣ ва нуқтаи такягоҳии муборизаи худ медонистанд. Дар китоби Сензил Навид 3 номаи Амонуллохон ва Нодирхон ба қавмҳои танай, ҷоҷӣ ва бошандагони вилоятҳои ҷанубӣ зикр шудааст, ки порае аз номаи Амонулло ба қабилаҳои ҷанубиро мехонам: «Ҳамоно мардуми Қандаҳор назди ман омаданд ва гуфтанд, эҳсоси ватандӯстӣ, ғайрат ва афғонияти онҳо абадан ба эшон иҷоза намедиҳад, ки ба идора касе монанди Бачаи Сақо, ки умрашро ба таҷовуз ба мол ва доройи мардум ба сифати як қотил сипарӣ кардааст ва ё касе, ки ҳатто афғон (паштун) нест, мувофиқат кунанд».

Тақдири Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Синдбоди Муғ, Темурмалик, Восеъ бо Ҳабибуллои Калаконӣ ба таври аҷиб ба ҳам гиреҳ мехӯрад, аз саҳифаҳои дурахшони мубориза ва ҷонбозиҳои миллати мо мебошанд. Ҳар яке бар ҳар шаклу воситаи шинохти вазъият барои таъсиси як ҳукумати миллии тоҷикмеҳвар дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва вилоятҳои умумии форсизабонон саъю талоши беандоза карданд. Хосатан аз нигоҳи замонӣ ва шарту шароит шӯриши Восеъ ва Ҳабибуллои Калаконӣ решапайвандҳое пайдо кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти густурдаро тақозо мекунад. Ба якчандтои онҳо ишора мекунем: 1) Дарки манфиатҳои миллӣ ва дар зери парчами он муттаҳид кардани мардум; 2) Эҳёи шуури миллӣ ба кӯтоҳмуддат дар хиттаҳои Бохтари қадим; 3) Таъсис додани давлати мардумӣ бар пояи дарки иқтидори худӣ; 4) Деҳқонҳо ҳамчун қувваи пешоҳанги мубориза, агар вожаи «деҳқон», «деҳгон» мутародифи калимаи «тоҷик» будааст, пас ин бардошти таърихӣ дар рафтори ин ду қаҳрамон унсури ҳамагонӣ доштааст; 5) Ҳаммонанд будани баромади иҷтимоии қаҳрамонҳо; 6) Ҷасорати истисноии миллӣ; 7) Айёрӣ ва ҷавонмардӣ ва ғ. Яке аз омилҳои сар задани қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ боло бурдани молиёт ва андози камаршикан буд, ки дар шӯриши Восеъ ҳам ин омил ба шиддат ба назар мерасад.

Подшоҳи Афғонистон Ҳабибуллои Калаконӣ, айёре аз Хуросон, ҷавонмарде, ки футувватро парчами худ дониста ва шинохта буд. Ба гуфти нависандаи тоҷик М.Шукурзода ҷавонмардӣ ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифати аслист:

1.Сахо, яъне саховат дар андешаи айёрон ва ҷавонмардон ба ин маънист, ки инсон аз molу маноли рӯзгор он чӣ ба даст оварад, бояд дар роҳи осоиши халқ сарф кунад.

2. Сафо: ин сулук ҷавонмардро водор ба покизагии ботин менамояд: яъне инсони ворастаро зарур аст, қалби хешро аз ҳирс ва кина тоза ва тамиз нигоҳ дорад ва дар ин ҷода базлу бахшоиш низ сафои ботин маҳсуб мешавад.

3. Ва ниҳоят: Вафо: тибқи ин оин айёр бояд барои дӯсти ҳақиқӣ ва ҳатто маҷозӣ ҷонфидо бошад, аз худ бигзарад ва дар масири дӯстӣ аз марг наяндешад, ба фармуди орифе порсигӯй:

**Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,**
**Душман беҳ аз касе, ки намирад**
**барои дӯст.**

Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва тамаддунофар ба қавли Ҳофизи бузург чун «булбул ба шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ, мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ» рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусаллат нагардад.

Ба ғановатмандии нодири фарҳангӣ ва забонӣ ҳам иқрор буданд ва дар имтидоди таърих ба забони ҳол нухбагони паштутабор ҳам, ки дағдағаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд. Чунончи, Маҳмуди Тарзӣ андешапардози миллатгароии афғонӣ бар он аст, ки: «зотан мардуми афғон чун умуман ба кори аскарӣ ва футуҳоти билоду ҳарбу зарб гирифтор буданд, ба корҳои мирзоӣ ва таҳрироти ҳукуматӣ вақт ва фурсат надоштанд ва ҳатто ин корҳоро ор мешумориданд. Китобҳои таҳсили илму адабиёт ҳама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд. Забони афғонӣ (хонда шавад пашту – Н.У.) ба дараҷаи кифоят аз ин чизҳо саросар маҳрум монда буд» . Амирони шинохтаи пашту на танҳо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи ҳунари шоирӣ доштанд ва девон ҳам таълиф кардаанд.

Муаллифи мақолаи «Зеҳнияти хатарзои толибонӣ ва муомилаи шубҳаноки абарқудратҳо» муътақид аст, ки «нигоҳи толибон ба зиндагӣ нигоҳи қафомондаи асримиёнагист, онҳо талош мекунанд, дар қолаби шариати вопасгаро дар қарни иттилоотии XXI пешдоварӣ намоянд, ҳама масъалаҳои дар тӯли 1400 сол пеш ба вуҷудомадаро саҳлу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест, ки мардумро гӯлу гумроҳ мекунад. Дар барномаи Толибон вуҷуди зан ҳамчун мавҷуди нолозим матраҳ гаштааст. Чун ба мудирияти ин ҷангандаҳои толиби ҳирсу молу ҷон менигаред, аслан мардум дар он ҷое надорад».

Шоир Муҳиби Бориш, дар баҳси он ки сарзамини Афғонистонро набояд танҳо як қавм, яъне паштунҳо ҳукуматдорӣ кунанд, чунин хитоб карда:

**Қабила чӣ бошад, ки шоҳӣ кунад,**
**Ба қудрат чу ояд, табоҳӣ кунад...**

Ҳабибуллои Калаконӣ ба шинохти комили худшиносии миллӣ расида буд, ки шоир Н.Борвар ба он ишора дорад:

**Пас аз ҳафт қарну пас аз солҳо,**
**Шикастанд занҷиру ишғолҳо.**

Тоҷикони Афғонистон фурсати барои ҳадафҳои дигарон мубориза бурданро надоранд. Роҳи асосӣ ва меҳварии онҳо дарояндаи наздик басиҷ сохтани тамоми мардум бар зидди таҳдиду хатарҳои тамаддунӣ мебошад. Муттаҳид шудан дар атрофи роҳбарони асил, ки дар байни аҳолӣ обрӯву эътибор доранд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тарҳрезии барномаи дарозмуддат барои эҳёи нуфузу мақоми шоистаи тоҷикон метавонад роҳи ҳалли қазияи Афғонистон ва сарнавиштиояндаи минтақаро рақам бизанад.

Таърих амалан такрор намешавад, вале чӣ тавре ки олими рус Ключевский В.О. гуфтааст: «Таърих мураббӣ нест, маҳкумкунанда аст, он тарбия намекунад, ҷазо медиҳад» (История не учитель, а надзирательница, она не воспитывает, а только наказывает).

Бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ ва қудрати худӣ рушду нумӯъ хоҳад кард. Тамаддуни шуҳратёри тоҷик ва форсизабонон тавъам бо тафаккури миллӣ мавқеи хос дорад, яксубин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои созу барги давлати ояндаи пасотолибӣ ва тарбияи инсони ормонӣ дар Хуросони таърихӣ ва Афғонистони кунунӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар фарҷоми таҳлилномаи имрӯза ба натиҷае мерасем, ки фарҳанги тоҷик ҷузъи тафаккури мардуми Афғонистон гаштааст, ки нишонаҳои он дар аъмоли завқӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ҳунар, умури давлатдорӣ ва ҳувиятӣ дида мешавад. Касе ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби миниатюраи рассомони Ҳирот, аз ҷумла Камолиддин Беҳзод, эҷод шудааст, ки бори дигар гуфтаҳои моро дар ин робита тасдиқ менамояд. Аз ин рӯ, бояд бознигарии илмии омӯзиши шахсият ва мақоми Ҳабибуллои Калаконӣ дар таърихи минтақа роҳандозӣ карда шавад;

Шароити шикасти асорати 180- солаи зеҳнияти қабилавӣ аз ҷониби ӯ олимона бар усули ҳақиқати таърихӣ пайгирӣ карда шавад;
Барчаспҳои норавои «бачаи Сақо» ва дигар лақабҳои дар матбуот ва пажӯҳишҳои илмӣ ба Ҳабибуллои Калаконӣ додаанд, ҳазф гардад;

Китобҳои «Сақавии дувум» ва амсоли он ҳамчун хилофи асолати илмӣ ва тафриқаандозӣ маҳкум карда шаванд;

Китоби Латиф Каримӣ «Яғмои мангалии дуюм» ба хатти кириллӣ баргардон карда шавад.

Бар низоми мардумсолорӣ, айёрӣ ва ҷавонмардӣ дар пешбурди ҳукуматдорӣ ҳамчун унсури қудрати худии Ҳабибуллои Калаконӣ бо такя бар пойгоҳи қавии илмӣ-пажӯҳишии мактаби афғонистоншиносии тоҷик ва бар усули бетарафии муарриху таърихнигорӣ таъкид карда шавад.

---

**Умед НАЗАРОВ,**
**пажӯҳишгари масоили Афғонистон.**

**(Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият аз 26 - уми майи соли 2023)**

# МАСЪУЛИЯТШИНОС, НЕКСИРИШТ ВА БА ХАЛҚУ ВАТАН СОДИҚ

**(Идома аз саҳ. 1)**

31-уми октябри соли 1996 қаҳрамони матлаб ба мақоме, ки ҳанӯз 25 сол муқаддам ҳамчун муфаттиш фаъолияти хешро оғоз карда буд, ба кор баргашт. Ин маротиба ба ҳайси роҳбари аввал, яъне ҳамчун вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳомиддин Шарифов дар даврае роҳбарии мақомоти корҳои дохилиро ба дӯши хеш гирифт, ки дар дасти аҳолӣ, хусусан гурӯҳҳои ҷиноятпеша, миқдори зиёди яроқу аслиҳа қарор дошт. Тибқи маълумоти оморӣ, соли 1996 дар ҷумҳурӣ 13386 ҷиноят ба қайд гирифта шуда буд, ки аз ин миқдор 1247 ҳолаташро ҷиноятҳои гурӯҳӣ ташкил дода, дар 513 ҳолат ҷиноят ба воситаи яроқи оташфишон содир гардид. Аз теъдоди умумии ҷиноятҳои содиршуда фоизи кушодашавӣ 41,1 фисадро ташкил медод.

Тезутунд гаштани вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), моҳҳои январи соли 1997 ва июни ҳамон сол барои Ҳомиддин Шарифов имтиҳони аввалин ва хеле ҷиддӣ гардид.

Моҳи январи соли 1997 дар шаҳри Қӯрғонтеппа қувваҳои бадхоҳ дар назди бинои ҳукумат намоиши ғайриқонунӣ ташкил намуданд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои таъхирнопазир вазъият зери назорат гирифта шуд. Вале 9-уми июни соли 1997 қисми низомии Бригадаи зудамали президентии № 08001 таҳти роҳбарии полковник Маҳмуд Худойбердиев, воқеъ дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло ноҳияи ба номи Ҷалолиддини Балхӣ) дар ноҳияи Сарбанд машқҳои ҳарбию тактикӣ гузаронид. 16-уми июн Маҳмуд Худойбердиев қувваҳои асосии қисмашро ба шоҳроҳи Қӯрғонтеппа – Душанбе баровaрда, дар мавзеи Қизилқалъа мавқеъ гирифт. Ин амали ғайриқонунии М. Худойбердиев дар натиҷаи муқобилияти яроқнок бартараф шуда, дар рафти он беш аз 60 корманди Раёсати корҳои дохилии вилоят ва дигар ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилӣ ҳалок ва садҳо нафари дигар захмӣ гардиданд.

Бар асари муқовимати шаҳрвандӣ, на танҳо фаъолияти шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои минтақаи Рашт, балки мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ аз кор монда буданд. Баъзе биноҳои шуъбаҳои корҳои дохилӣ ва идораҳои давлатӣ вайрону ғорат шуданд. Қисми зиёди кормандони милитсияи ин минтақа гаравгон гирифта шуданд. Агар дар миқёси ҷумҳурӣ аз кор рафтани кормандон ва мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ баъзан ба назар мерасид, дар ноҳияҳои водии Рашт ин тамоюл рӯ ба афзоиш буд. Аксари шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои ин водӣ ҳамагӣ аз 25,5 то 46 фисад бо кормандон таъмин буданду халос. Ба мавсуф зарур буд, ки дар ин робита бетаъхир тадбир андешад.

Баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҷиноятҳои гурӯҳҳои муташаккили яроқбадаст хусусият ва тамоюлҳои нав касб намуданд. Онҳо ҷиноятҳои вазнин, ҳамлаҳои ғоратгарона содир карда, аз ҷойи воқеа ғайб мезаданд. Аксари аъзои ин гурӯҳҳо барои пинҳон кардани амалҳои хеш дар байни мардум зиндагӣ мекарданд ва дар баъзе мавзеъҳо анборҳои яроқҳои замонавӣ доштанд.

Яке аз чунин гурӯҳҳо дастаи Раҳмон Сангинов буд, ки дар ҳудуди колхозҳои «Роҳатӣ» ва ба номи «Телман»-и Шӯрои деҳаи Қиблаии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) ҷойгир шуда буд. Раҳмон Сангинов (таваллудаш - соли 1963), ки бо лақабҳои «Гитлер», «Ҳазрат» ва «Темурланг» маъруф буд, яке аз ҷанговарони фаъоли дастаи Ризвон Содиров буд. Баъдтар ба ин гурӯҳи муташаккили Мансур Муаккалов (таваллудаш - соли 1973) бо лақаби «Шайх» пайваст. Ин гурӯҳ, ки дар ибтидо аз 100 нафар беш набуд, тадриҷан ба 600 расид. Кирдорҳои онҳо хусусияти зиддиҳукуматӣ пайдо карда, аз як тараф дар байни аҳолӣ тарсу ҳарос ва аз тарафи дигар нафратро ба вуҷуд оварда буд.

Баъд аз ҷамъбасти муваффақонаи амалиёт ба безарар намудани ин тоифа бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳомиддин Шарифов рутбаи навбатии генерал – полковник дода шуд. Номбурда мунтазам таъкид мекард, ки ин рутбаро Роҳбари давлат барои кори пурсамари тамоми вазорат ба ӯ додааст ва воқеан ҳамин хел ҳам буд. Бо таклифу дархост ва пешниҳодҳои ӯ ба даҳҳо қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид шуданд, ки ба беҳтаршавии фаъолияти милитсия мусоидат намуданд. Таҳти роҳбарии ӯ дар Академияи ВКД китоби «Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид, ки он дастури рӯимизии кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, амният, адлия, корҳои дохилӣ ва дигар соҳаҳо аст. Илова бар ин, маҳз дар давраи вазирии ӯ садҳо фармон, низомномаву оинномаҳо, дастурамалҳою санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд.

Ҳомиддин Шарифов дар баробари мутахассиси ботаҷриба будан ба санъат арҷ мегузошт. Бо дастгирию талошҳои ӯ ансамбли эстрадии назди Вазорати корҳои дохилӣ «Сипар» шуҳратёр гардид.

Ҳамчунин, ӯ ба кадрҳои ҷавон, баланд бардоштани савия ва малакаи касбии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Бо пешниҳоду дастгириҳои ӯ Мактаби олии милитсия соли 2000 ба Академияи ВКД табдил дода шуд.

Ӯ расо даҳ сол ин сохтори пурқудрату муҳими ҳокимияти давлатиро роҳбарӣ намуд. Баъд аз Бобо Маҳкамов, Ҳомиддин Шарифов дуюмин нафаре мебошад, ки солҳои вазирӣ барои ин марди меҳнатдӯст марҳилаи заҳмату талошҳо ва хизмату садоқат ба халқу Ватан буд.

Ҳашт соли роҳбарии Ҳомиддин Шарифов пурра дар набарди зидди гурӯҳҳои ғайриқонунии муташаккили яроқнок сарф гардид. Дар давраи роҳбарии Ҳомиддин Шарифов Вазорати корҳои дохилӣ тадриҷан обрӯи пештараашро, ки солҳои муқовимати шаҳрвандӣ каме коста гашта буд, баргардонид.

Соли 2007 ӯ аз тарафи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуд. Дар парлумон роҳбарии Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсонро ба зимма дошт. Вале риштаи ҳаёти ин марди наҷиб бо сабаби беморӣ бармаҳал канда шуд.

Ҳомиддин Шарифов, воқеан ҳам, марди нексиришту ба халқу Ватани азизаш содиқ буд. Хизмати содиқонааш бо ордену медалҳо ва мукофотҳои гуногун, аз ҷумла ордени «Исмоили Сомонӣ» дараҷаи 2 (соли 2006) ва ордени «Пётри Кабир» дараҷаи 1 (соли 2006), 13 медал, 19 нишони сарисинагӣ, 13 мукофоти молию пулӣ ва раҳматномаҳою сертификатҳои гуногун қадр шудааст.

Ӯ падари ғамхору меҳрубони 9 фарзанд, 4 писару 5 духтар буд, ки ҳама соҳиби маълумоти олианд. Фарзанди калонӣ ва хурдӣ пайрави падар гашта, ҳар ду корманди мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд.

---

**Иноят АДОЛАТОВ,**
**Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**устоди Академияи ВКД**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**Республика Таджикистан**
**Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД)**
**Грант №.: D607-TJ**
**Наименование задания: Реабилитация центра инвалидности Мачитон**
**Номер НКТ: MOF/ECDP/RFBW/022/001**

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов проекта **«Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане»** и намерена использовать часть средств на реабилитацию центра инвалидности Мачитон.

Проект **«Раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане»** настоящим приглашает правомочных и квалифицированных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно реабилитации центра инвалидности Мачитон.

Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и в августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, не-консультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ГРП, E-mail: jobs.info@ecdp.tj и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: г. Душанбе, Таджикистан, ул. Шероз - 35, почтовый индекс: 734025, тел: (+992 37) 2210691 с $8^{00}$ до $16^{00}$ часов.

Заинтересованные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу:

**Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шероз - 35, 7 этаж, здание Министерства финансов Республики Таджикистан, почтовый индекс: 734025, E-mail: jobs.info@ecdp.tj, тел: (+992 37) 2210691.**

Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF.

Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу:

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27 каб. №10 до 12 июля 2023 г., $15^{00}$ по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается.

Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27, кабинет № 10, 12 июля 2023г. в $15^{00}$ по местному времени.**

Все конкурсные предложения должны сопровождаться залоговым обеспечением конкурсного предложения на сумму **98 207 сомони.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**(консультационные услуги)**

**Название проекта: Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане** (ПРРД).

**Задача:** оказать поддержку районному планированию для реализации Базового пакета раннего развития детей, путем проведения оценки, картирования и планирования потребностей в услугах раннего развития детей (РРД).

Республика Таджикистан получила грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов проекта **«Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане»** и намерена использовать часть средств на выполнение консультационных услуг.

**Консультационные услуги включают в себя:**

1. Вовлечение сообщества: привлекать сообщества к обсуждению раннего развития детей (РРД) и базового пакета (БП), чтобы собрать информацию и оценить потребности сообщества;
2. Картирование на уровне сообщества доступных услуг РРД БП и спрос населения на эти услуги в местных сообществах;
3. Планирование и составление бюджета для реализации Базового пакета;
4. Разработка и согласование с ключевыми заинтересованными сторонами плана реализации включающего процессы мониторинга и сбора отзывов бенефициаров.

Работы разделены на **2** соответствующих пакета. Участники торгов могут подать заявку на один контракт:

1. Консультирование по поддержке районного планирования для реализации Базового пакета развития детей младшего возраста посредством проведения оценки потребностей в услугах развития детей раннего возраста (РРД), составления карт и мероприятий по планированию в Согдийской области и районах республиканского подчинения (РРП).
2. Консультирование по поддержке районного планирования для реализации Базового пакета развития детей младшего возраста посредством проведения оценки потребностей в услугах развития детей раннего возраста (РРД), составления карт и мероприятий по планированию в Хатлонской области.

**Подробные технические задания (ТЗ) для задания можно получить по ссылке ниже:**

1. Согдийская область и РРП - https://docs.google.com/document/d/1Lyu4JNGyjBPCUrlKX8xy3gOlptW6UMAa/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true
2. Хатлонская область - https://docs.google.com/document/d/1xME0BATIh7GUM6mlDOjdhbOMiCDKnOpe/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

Группе реализации проекта (ГРП) требуются услуги квалифицированной и опытной НПО для оказания поддержки местным администрациям и сообществам в работе и поддержке созданного районного координационного комитета, ответственного за координацию и реализацию мероприятий проекта по БП.

Группа реализация проекта приглашает отвечающие установленным критериям НПО сообщить о своей заинтересованности в предоставлении услуг.

Заинтересованные НПО должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг:

**Квалификационные требования:**

i. Быть местной организацией (неправительственной\общественной организацией), действующей на основании своего устава, имеющей не менее 5 лет успешного опыта исследовательской и аналитической работы в сфере здравоохранения и образования в Республике Таджикистан;

ii. Опыт работы не менее 5 лет по следующим направлениям: развитие социальной сферы страны, развитие здравоохранения, образования и другие задачи, соответствующие действующему ТЗ через намеченную цель, показатели и достижения на местах;

